# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

**Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2010. №13 тасдиқ карда шудааст**

# Дастуруламал

**Оид ба низоми тартиб додани ҳисоботи оморӣ дар бораи нишондиҳандаҳои асоси фаъолияти ташкилотҳое, ки барои сохтмони асосӣ корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотҳои муҳандисиро ба амал мебароранд, шакли №4- СА (солона).**

## 1. Қоидаҳои умумӣ

1.1.Ҳамаи ташкилотҳое, ки аз рӯи низоми қарордод бо фармоишгарон корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқоти муҳандисиро барои сохтмони асосӣ ғайр аз ташкилотҳо лоиҳакашию сохтмони саноатӣ), ашхоси ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият, тобеияти идоравӣ (минбаъд ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқотӣ) ба амал мебароранд, аз рӯи шакли № 4-СА ҳисоботи оморӣ тартиб медиҳанд. Ба ҳайати иттиҳодияҳои лоиҳакашию сохтмонӣ қисматҳои лоиҳакашӣ, ки ҳуқуқи воҳидҳои истеҳсолӣ доранду аз рӯи шакли № 4-СА ҳисобот тартиб намедиҳанд дохил мешаванд.

Ҳангоми пур кардани ҳисоботҳо ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқотӣ ба таври ҳатмӣ ба зери ҳамон шакли моликияте хат мекашанд, ки дар он асос ёфта бошанд.

1.2. Ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқитие, ки дар ҳайати худ қисматҳои сохторӣ доранд, ғайр аз ҳисоботи ҷамъбасти, аз рӯи ҳар кадом қисмати сохторӣ ҳисобот тартиб медиҳанд (ё ки бо супориши вай худи қисмати сохторӣ худашро пешниҳод мекунад) ва ба мақомоти омории маҳали ҷой гирифтаашон, яъне ба маҳалли ҷой грифтаи қисматҳои сохторӣ пешниҳод мекунанд.

Дар айни замон ташкилоти лоиҳакашӣ бе маълумотҳои воҳидҳои истеҳсолӣ, ки дар ҳудуди дигар вилоятҳо қарор доранд, ҳисобот тартиб диҳад ва онро ба мақомоти омории маҳаллӣ ҷой гирифтаи худ пешниҳод мекунад.

Ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқотие, ки дар хайати худ қисматҳои илмию тадқиқотӣ ё тарроҳӣ (конструкторӣ) доранд, дар ҳисоботи шакли №4-СА маълумотҳои на танҳо қисматҳои лоиҳакашию тадқиқотӣ, балки оид ба қисматҳои илмию тадқиқотӣ ва тарроҳӣ (конструкторӣ) низ маълумотдохил мекунанд.

1.3. Дар ҳисоботишакли № 4-СА ҳамаи маълумотҳои давраи ҳисобот ва давраи дахлдори соли гузашта аз рӯи ҳайати ташкилотҳои ҳисобдиҳанда, ки дар охири давраи ҳисобот яъне бо назардошти ҳамаи тағйироте, ки дар ҳайати ташкилотҳо аз авали соли ҳисобот ба амал омадаанд, нишон дода мешаванд.

Ҳамаи нишондиҳандаҳои ҳисобот, ки қисматҳо дар соли ҷори пешниҳод ё қабул кардаанд, сарфи назар карда мешаванд ё мутобиқан, ба корҳои аз авали сол дар амал иҷро кардашуда, яъне дар тамоми давраи Хисобот новобаста аз санаҳои хориҷ ё қабул кардаи қисматҳо ҳамроҳ карда мешаванд.

Ҳангоми давраи ҳисобот барҳам додани кадоме аз қисматҳо, (дар мавриди ба мақоми он ҳамроҳ ё дохил намудани тағйиротё дар заминаи он таъсис додани корхонаи иҷоравӣ, кооператив, корхонаи хурди давлатӣ ва ғайраҳо), ҳамаи маълумотҳое, ки ба фаъолияти ин қисмат дар тамоми давра вобастааст, то охири сол дар ҳисоботи ташкилоти лоиҳакашию тадқиқоти инъикос карда мешаванд.

Ҳангоми барҳам додан ё тағйироти шакли моликият ташкилоти ҳисоботдиханда дар охири давраи хисоботи фаъолияти худ низ дар варакаи шакли №4-СА (солона) иттилоот пешниҳод мекунад.

Маълумотҳое, ки дар сутунҳои «дар ҳаминдавраи соли гузашта», «дар соли гузашта» сабт шудаанд бояд дар сохтори ташкилот дар охиридавраи ҳисобот (сол) дода

шаванд. Дар ҳисоботҳои дар соли ҷорӣ аз нав таъсисдодаи ташкилотҳо сутунҳои нишон додашуда пур карда намешаванд.
1.4.Ташкилотҳои лоиҳакашию тадкиқоти ҳисоботи омориро катъиян мувофиқи вақту замони тақвимии муқарраркардаи давраи ҳисобот тартиб медиҳанд.

Ташкилотҳои аз нав таъсисшуда иттилооти омориро аз давраи рӯзи ба кайд гирифта шуданашон то охири давраи ҳисобот пешниҳод мекунанд.
1.5. Ҳисоботи шакли №4-СА (солона)-ро роҳбар ва сармуҳосиби корхонаи ҳисоботдиҳанда имзо мекунанд, аз рӯи шакли №4- СА дар мӯҳлати муқарраршуда ва суроғае, ки дар варақа шакли хисобот нишон дода шудаанд пешниҳод карда мешаванд.

Мувофиқи қонунгузори амалкунанда ашхосе, ки хисоботро имзо мекунанд, барои пурраю муътамад будани ҳамаи маълумотҳо, ки дар он инъикос ёфтаанд ва сари вақт пешниҳод кардани он шахсан масъул мебошанд.

Ашхосе, ки ҳисоботро тартиб медиҳанд ё маълумотҳои дахлдори аввалия барои ворид намудан ба ҳисобот пешниҳод кардаанд, барои мӯътамад будани маълумотҳои ҳисобот низ масъул мебошанд.

**<u>Фасли 1 Арзиши корҳои иҷро кардашуда.</u>**

1.6. Ҳангоми пур кардани маълумотҳо оид ба арзиши корҳои тибқи нархҳои қарордодӣ иҷро кардашуда қоидаҳои умумии ҳамин нишондод, инчунин нишондиҳандаҳои Кумитаи давлатии сохтмон ва меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ин масъала ба роҳбарӣ гирифтан зарур аст.

Низоми муайян намудани нархҳои қарордодиро барои лоихакашӣ дар соли 1992 Кумитаи давлатии сохтмон ва меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуб аз 14.11. соли 1991 №8-163 тавсия карда буд.

Нархи қарордодӣ чӣ дар ҳамаи маҷмӯи корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон, чӣ дар давраҳои (намудҳои) ҷудогонаи ин корҳо, аз он ҷумла, корҳое, ки аз ташкилотҳои пудратии ғайриасосӣ супурда шудаанд, муайян карда мешавад.
Ба нархҳои қарордодӣ хароҷоти иловагии ташкилотҳо, сабабгори ташаккули муносибатҳои бозорӣ шудаанд, ҳамроҳ шуда метавонанд, ин нархҳо дар нархҳои асосӣ инъикос намешаванд, зеро корҳои иҷрошаванда, дар маҷмӯи нархҳо пешбинӣ намешаванд, масалан, иштироки ташкилотҳои лоиҳакашӣ дар интихоби майдон барои сохтмон, нозири муаллифӣ (соҳибият), корҳои илмию тадқиқоти ва таҷрибавию озмоишӣ ҳангоми лоиҳакашӣ, маҷмӯъсозии сохтмон бо таҷҳизот, ки вазифаи фармоишгар ва ғайра мебошанд, иҷрои корҳои мувофиқи шароити қарордод бо кӯтоҳ кардани мӯҳлат ва ғайра.
1.7. Дар сатри 01 сабт карда мешавад:

Маҳсулоти илмию техникӣ, ки дар мӯҳлати муқарраршуда ба сомон расонда шудаасту музди кораш пардохта шуда қабул карда шудаасту; корҳои хизматрасонӣ, ки ба дигар намудҳои фаъолият мансубанд, инчунин хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ
Маблағи пешпардохти ҳисоб кардашудаи фармоишгарон ба арзиши маҳсулоти илмию техникӣ ба ҳисоб гирифта намешавад.

Ба маҳсулоти илмию техникӣ дохил мешаванд: кору хизматҳои лоиҳакашӣ, илмию тадқиқоти, тарроҳи (конструкторӣ) ва технологӣ, ки мувофиқи талаботи қарордод барои таъсиси маҳсулоти илмию техникӣ пешбинӣ шудаанд.

Ба маҳсулоти илмию техникӣ дохил мешаванд: кору хизматҳои лоиҳакашӣ илмию тадқиқотӣ, тарроҳӣ (конструкторӣ) ва технологӣ, ки мувофиқи талаботи қарордод барои таъсиси маҳсулоти илмию техникӣ пешбинӣ шудаанд.

Ба таркиби маҳсулоти илмию техникӣ инчунин хизматҳое дохил карда мешаванд, ки ба фаъолияти ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда марбутанд.

1.8 Дар сатрҳои 03.04. инъикос карда мешаванд: маълумотҳо бо арзиши маҳсулоти илмию техникӣ, ки мувофиқи бо қувваи худи ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда ва бо қувваи ташкилотҳои ҷалб кардашуда иҷро карда шудаанд.
Маҷмӯи маълумотои сатрҳои 03 ва 04 бояд ба маълумотҳои сатри 01 баробар бошанд.

1.9. Арзиши маҳсулоти илмию техникӣ барои ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда, ки дигар ташкилотҳои ҷалб кардашуда иҷро кардаанд (сатри 04), бояд пурра дар сатрҳои 05-13 тақсим карда шаванд. Чунин тақсимот имконият медиҳад, ки бо роҳи сарфи назар кардани гардиши дохилӣ ҳаҷми корҳои иҷрокардаи институтҳо, иттиҳодияҳо, раёсатҳои кумитаҳо (ё идораҳои кумитаҳо), вазоратҳо (идораҳо) умуман дар Ҷумҳурӣ дуруст муайян карда шавад. Маълумотҳои сатри 04 бояд ба маҷмӯи маълумотҳои дар сатрҳои 05-13 нишон додашуда баробар бошад.

Ҳангоми тақсимоти ташкилотҳои ҷалб кардашуда аз рӯи тобеияташон тартиботи зайл бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад.

Корҳое, ки қисматҳои сохтории ба ҳайати институт дохилшаванда иҷро кардаанд, дар сатри 05 нишон дода мешаванд.

Корҳое, ки ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқотии ба ҳамон идораи кумита ё иттиҳодия дохил мешаванд, иҷро кардаанду ташкилоти Хисоботдиҳанда мебошанд, дар сатри 06 нишон дода мешаванд. Агар корҳое, ки ба воситаи дигар ташкилотҳои худи вазорат (идора) иҷро карда мешаванд, дар он сурат ин корҳо дар сатри 07 нишон дода мешаванд.

Дар сатри 07 арзиши корҳое, ки ташкилотҳои дигар вазоратҳо (идораҳо) иҷро кардаанд, сабт карда мешаванд.

Дар сатри 08 арзиши корҳое, ки ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқотии вазоратҳои (идораҳои) дигар ҷумҳуриҳо иҷро кардаанд, сабт карда мешаванд.

Арзиши корҳое, ки ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқоти вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳуриявӣ иҷро кардаанд, мутобиқан, дар сатрҳои 08 ё 09 вобаста ба он, ки вазорати (идораи) мазкур ба кадом ҷумҳурӣ дахл дорад, нишон дода мешаванд.

1.10. Ташкилот лоиҳакашию тадқиқотии давлатӣ арзиши корҳое, ки барои он мувофиқи қарордоди пудратии ғайриасосӣ мутобиқан ташкилотҳои иҷоракорӣ-лоиҳакашию тадқиқотӣ ва кооперативҳо иҷро кардаанд, дар сатрҳои 11 ва 12 нишон медиҳад.

1.11. Кооперативҳо ва ташкилотҳои иҷоравӣ арзиши корҳоеро, ки барои ташкилотҳо аз рӯи қарордоди пудратчии ғайриасосӣ иҷро кардаанд, новобаста аз он ки ба кадом шакли моликият асос ёфтааст, дар сатри холи 13 нишон медиҳанд.

Ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқотии давлатӣ арзиши корҳоеро, ки аз рӯи қарордоди пудратчии ғайриасосӣ ташкилоту корхонаҳои дигар намудҳои фаъолиятновобаста аз рӯи шакли моликият (ташкилотҳои лоиҳакашию саноатӣ ва сохтмонӣ, лоиҳакашию сохтмонӣ, илмию тадқиқотӣ, корхонаҳои саноатӣ ва ғайраҳо), иҷро кардаанд, дар сатри 13 нишон медиҳанд.

1.12. Корҳое, ки барои институт корхонаҳои хурд дар заминаи Кисматҳои сохтории он ичро кардаанд, дар сатри 06 нишон дода мешаванд.

1.13. Дар сатри холи ҳисоботи институти лоиҳакашӣ, ки дар ҳайати худ қисматҳои сохторӣ дораду шахси ҳуқуқӣ нест, арзиши маҳсулоти илмию техники дар сатрҳои 01,03 ва 04 инъикосшаванда ба тартиби зайл муайян карда мешавад.

Дар ҳисоботи шуъбаҳо, филиалҳо, экспедитсия (намояндагӣ) ва дигар қисматҳои сохторӣ, ки ашхоси ҳуқуқӣ нестанд, маълумотҳо аз рӯи ҳар кадом сатри фасли 1 ҷамъбаст карда мешаванд, ҳисоби такрории арзиши маҳсулот, ки ҳангоми ҷамъбасти ҳисобот ба вуҷуд меояд, бо тарҳ кардани ҳосили гирифташуда аз маҷмӯи маълумотҳои сатри 05, ки мутобиқан аз рӯи сатрҳои 01, 04 гирифта шудаанд, хориҷ карда мешавад.

Натиҷаҳои гирифташуда мутобиқан дар сатрҳои 01 ва 04-и ҳисоботи ҷамъбастии институт навишта мешаванд. Сатри 05 ҳамин ҳисобот хат кашида мешавад.

Ҳаҷми корҳо дар ҳисоботи ҷамъбастии вазорат (идора) ва ҷумҳурӣ бо роҳи ҷамъбаст намудани маълумотҳо дар ташкилотҳои тобеи идоравӣ ва аз сатрҳои 01 ва 04 мунтазам тарҳ кардани мутобиқан маълумотҳои сатрҳои 07, 08, 09 муайян карда мешавад.

1.14. Дар сатри 17 нишон дода мешавад: арзиши корҳо аз рӯи нархҳои қарордодӣ, к ибо қувваи худӣ чӣ аз рӯи корҳои тамомшуда ва чӣ тамомнашуда дар давраи ҳисобот иҷро шудаанд, инчунин арзиши ҳамин намудҳои хизмат.

Барои дар ҳисобот инъикос намудани арзиши корҳои иҷрошуда маълумотҳои ба ҳисобгирии аввалия ва ҳуҷҷатҳои дахлдор дар бораи арзиши корҳои иҷрошуда, ки фармоишгар тасдиқ кардааст, асос шуда метавонад.

1.15. Ташкилоти лоиҳакашию тадқиқоти, ки лоиҳакаши генералӣ мебошад, аз маълумотҳои сатри 15 дар сатри 30 арзиши корҳои иҷрошуда ва пардохташударо аз рӯи нархи қарордодӣ, аз рӯи таҳияи лоиҳакашии асосноки техникию иқтисодӣ ва корхонаҳои (иншоотҳои) сохтмон, ҳисобу китоби техникию иқтисодӣ (ҲТИ), дар сатри 31 лоиҳаҳо ва лоиҳаҳои корӣ дар сатри 32 ҳуҷҷатҳои кориро муайян намуда нишон медиҳад.

Маҷмӯи маълумотҳои сатрҳои 30-31 ва 32 метавонад ба маълумотҳои сатри 15 баробар ё кам бошад, агар фармоишгар аз ташкилотҳо тадқиқоти муҳандисиро барои сохтмон, тартиб додани тарҳ ва дигар мавод оид ба рушд ва ҷо ба ҷо намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва саноат қабул карда, арзиши тарҳи нақшаҳои генералии бахшҳои саноатӣ, тартиб додани тарҳ ва лоиҳаҳои ба нақшагирии минтақаҳо, лоиҳаҳои ба нақшагирии сохтмони шаҳрҳо, шахракҳои навъи шаҳр, маҳалҳо ва деҳот ва ғайраҳо пардохта бошад.

1.16. Агар ташкилот оид ба тартиб додани тарҳ ва дигар мавод барои рушд ва ҷо ба ҷо намудани соҳаҳои иқтисодиёт, соҳаҳои саноат, тарҳи нақшаҳои генерали бахшҳои саноатӣ, оид ба тартиб додани тарҳ ва лоиҳаҳои ба нақшагирии минтақаҳо, лоиҳаҳои ба нақшагирӣ ва сохтмони шаҳрҳо, шаҳракҳои навъи шаҳр, маҳалҳо ва деҳот ва ғайра корҳоро иҷро карда бошад, дар он сурат маҷмӯи маълумотҳои сатрҳои 35 ва 38 метавонад ба маълумотҳои сатри 15 баробар ё кам бошад.

**Фасли 11. Нишондиҳандахои аз рӯи меҳнат**

1.17. Дар фасли 11 шакли №4-СА (солона) маълумотҳои оид ба шумораи кормандони ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқотӣ ва маблағҳое, ки барои истеъмолот равона карда шудаанд, нишон дода мешаванд.

Ҳангоми муайян намудан руйхати ҳайати кормандон, руйхати миёнаи шумораи кормандоне, ки ба фаъолияти асосӣ ва ғайриасосӣ машғуланд, таркиби маблағе, ки барои истеъмолот оид ба омори шумораи коргарон ва хизматчиёни корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, ки музди кор пардохта мешавад, бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад.

Фасли 111. Арзиши кор.

1.18. Дар ин фасл нишон дода мешавад:
арзиши кор, маҳсулот ва хизматрасонӣ, ки дар соли ҳисоботу соли гузашта ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқоти бо қувваи худ мувофиқӣ нархҳои (амалӣ) қарордодӣ ва арзиши аслии ҳақиқи иҷро кардаанд.

Дар сатри 40 сутуни 2 арзиши аслии ҳақиқии кору хизматрасонӣ, ки бо қувваи худ иҷро карда шудаанду дар фасли 1 дар сатри 17 нишон дода шудаанд, инъикос карда мешаванд.

Аз сатри 40-4 ташкилотҳои лоиҳакашию тадқиқотӣ ҳамаи хароҷоти иловагӣ, ки ба ташаккули муносибатҳои бозорӣ сабаб шудаанд, ки ба ташаккули муносибатҳои бозорӣ сабаб шудаанд, чӣ дар нархи қарордодӣ ҳамроҳ кардашуда, чӣ дар нархи карордодӣ ҳамроҳ кардашуда, чӣ дар нархи қарордодӣ ба ҳисоб гирифтанашуда чудо карда мешаванд. Ин хароҷот метавонанд ба қиматшавииарзиши мавод, таърифаи нақлиёт ва ба дигар намудҳои хизматрасон, ба арзиши музди меҳнат, ба дақиқ ҳисоб кардани таърифаи хароҷоти иловагӣ ва ғайраҳо сабаб шаванд.

Дар сатрҳои 44-48 аз рӯи аносури «Хароҷот» маълумотҳо оварда мешаванд.

Маҷмӯи маълумотҳои сатрҳои 44-48 бояд ба маълумоти сатри 40 баробар бошад.

Аз аносури «Дигар хароҷот» чудо карда мешаванд:

Пардохтҳои хизматрасонии ғайримоддӣ (пардохти хизмати коммуналӣ, пардохти хизмати корхонаҳои беруна барои сӯхторхомӯшкунӣ ҳарбӣ гардонидашуда ва посбонӣ, хароҷот оид ба интихоби муташаккилони кормандон, пардохти хизмати муассисаҳои тандурустӣ, пардохти хизмати маслиҳатҳои ҳуқуқӣ арзиши хизмати ташкилотҳои суғуртавӣ, пардохти хизмати молиявӣ, пардохти иҷрои бино, иншоот, мошин ва дастгоҳҳо, пардохти хизмати хусусияти иттилоотидошта ва ғайраҳо), (сатри 49).

Хароҷоти сафарҳои хизматӣ аз рӯи меъёрҳои муқарраршуда (сатри 50)

Дар тасдиқномаи од ба сатрҳои 55-57 ҷудо карда мешаванд: ҳисоб карда гузаронидани пардохти дигар харачоте, ки ба аносури хароҷоти «дигар хароҷот» дохил карда мешаванд.

Пулгузаронии ҳатмӣ ба Фонди давлатии мусоидати машғулият (сатри 55);

Пулгузаронӣ оид ба суғуртаи ҳатмии тиббии кормадон, музди коре, ки дар арзиши аслии кор инъикос карда мешавад (сатри 56);

Пардохт оид ба суғуртаи ҳатмии ташкилотҳои амволи давлатӣ, ки дар ҳайати фондҳои истехсолӣ (сатри 57) ба назар гирифта мешаванд.

1.19. Ташкилотҳои давлати лоиҳакашию тадқиқотӣ ва ташкилотҳои шаклҳои моликияташон дастаҷамъӣ (коллективӣ) (якҷоя бо кооперативҳо), шакли; № 4-СА (солона) ва пурра солонаро пур мекунанд.